Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзӯи “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” ба шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партавиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021)» ва «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Абдуллоева Мадина Камоловна ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Мубрамияти мавзуъ бо як чанд омилҳои ҷиддӣ аз тарафи муаллиф асоснок ва исбот карда шудааст:

1) Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ҳамчун яке аз чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, аммо, бояд қайд намуд, ки дар КМҶ ҶТ мафҳум ва моҳияти дастгир кардани шахс, қоидаҳои умумӣ ва махсуси татбиқи онҳо ба таври мукаммал дода нашудаанд ва ин норавшаниҳо боиси маънидодкунии гуногуни ин категорияҳо мегардад. Дар доктринаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ низ вобаста ба муайян намудани мафҳуми  дастгир кардани шахс, мафҳуми гумонбаршуда, асосҳои дастгир намудани шахс ягонафикрӣ вуҷуд надорад ва ин омилҳо талаб менамояд, ки мавзӯи "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" аз дидгоҳи назариявӣ таҳлил карда шавад.

2) Дар раванди рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, ки он аз рӯзҳои эълон шудани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфтааст, доир ба такмил додани кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ силсилаи чораҳои муҳими расмии ҳуқуқӣ андешида шуданд. Дар қатори рушду тағйиротҳо, аз ҷумла масъалаи мушаххас намудани мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар мадди аввал гузошта шуд ва масъалаи муайян кардани мақоми ҳуқуқии ашхоси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда низ ҷои муҳимро ишғол кард. Чӣ тавре амалия нишон медиҳад, маҳз дар марҳилаи ба вуҷуд омадани гумонбарӣ вайронкунии ҳуқуқи шахс бештар ба назар мерасад. Чунки меъёрҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ниёз ба такмил доранд. Тағйиротҳое, ки солҳои охир дар мақоми ҳуқуқҳои мурофиавии гумонбаршуда ба амал омаданд – васеъ кардани ҳуқуқи ҳифзи манфиатҳо, татбиқи ҳабси пешакӣ нисбати гумонбаршуда ҳамчун чораи пешгирӣ бо иҷозати суд ва ғайраҳо муаммоҳои назариявӣ ва амалияро ҳануз пурра ҳаллу фасл накарданд.

3) Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он низ зоҳир мегардад, ки  ақидаҳои илмӣ оид ба моҳияти мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят, ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он, таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир

кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст, озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст ва вобаста ба дигар масъалаҳои дар ин самт алоқаманд, омӯхта ва тақвият дода шаванд. Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба масъалаҳои болозикр мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

4) Ҳарчанд дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзуъҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд. Новобаста аз он, ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ба таҳқиқоти маҷмӯии мушаххас ниёз дорад.

ва озодиҳои ва манфиатҳои қонунии ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф мешаванд (м. 5), муқаррар ва таъмини он вазифаи асосии давлат мебошад. Агар мо аз нуқтаи назариявӣ масъалаҳои ҳалталабро дар доираи рисолаҳои илмӣ ҳаллу фасл нанамоем, пас дар амалия дар сурати дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят эҳтимоли поймол кардани ҳуқуқи озодиҳои инсон боқӣ хоҳад монд. Рисолаи мазкур барои ҳалли баъзе масъалаҳое, ки дар раванди дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад, равона карда шудааст.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар самти "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" анҷом дода нашудааст ва рисолаи илмии мазкур бо

навгониҳои худ ва тарзи таҳқиқот метавонад барои дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят дар амалия аҳаммияти хоса дошта бошад.

Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин мушкилиҳо дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи номбурда дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мебошад.

Ба мақсади такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ, муаллиф мувофиқи мақсад медонад, ки ба меъёрҳои амалкунанда тағйиру иловаҳои илман асоснок ворид карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли тавсияҳо асоснок ва пешбарӣ шуданд, метавонанд дар сурати пазироӣ шуданашон мазмуни меъёрҳои ҷориро ғанӣ гардонида, татбиқи самараноки онҳоро дар амалия таъмин намоянд: Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд ва барои мавзуи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят аҳаммияти муҳим доранд, инҳо башумор меравaнд:

Диссертант пешниҳод мекунад, ки ба КМҶ истилоҳи нав «гумонбарӣ» ворид карда шавад. Гумонбарӣ ба институти ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ дошта, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти асосноки иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Ақидаи шахсӣ, гумонбарии фардӣ, ки ба асосҳои кофӣ такя намекунад, аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад. Бо назардошти ин, эълон кардани айб дар ин ҳолат ба шахс ғайриимкон аст. Гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст. Чунин гумонбарӣ ба маълумоти ҷамъоваришудаи мушаххас оид

ба ҳолатҳои ҷой доштани ҷиноят дар кирдори шахс асос меёбад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити алоҳидаи ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, асос ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят баромад мекунанд.

Пешниҳоди дигаре, ки қобили қабул аст, дар рисола дар шакли зерин, омадааст: "Дастгир кардан – маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқҳо ва озодии шахс бо сабаби содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин буда, қарор дар хусуси он танҳо дар асоси Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Мазмуни дастгир карданро пайдарҳамии якчанд амалҳои мурофиавӣ ифода менамояд: боздошт намудан, иҷборан ба мақомот овардан, фаҳмонидани ҳуқуқу ухдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва нигоҳ доштан дар тавқифгоҳи муваққатӣ".

Дар рисола асоснок карда шудааст, ки дар сатҳи КМҶ ҶТ, инчунин қонунҳои ҶТ «Дар бораи милитсия» ва «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», мафҳуми «дастгиркунии воқеӣ» (бо асос ва тартиби супоридани дастгиршуда ба мақомоти салоҳиятдор) ворид карда шуда, мафҳуми он шарҳ дода шавад.

Диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, дар ин бахш муаллиф пешниҳод ва асоснок намудааст, ки қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зерин ифода шавад: «Мақомоти ваколатдор ҳуқуқ доранд ҳангоми ба вуҷуд омадани гумонбарӣ оид ба дахлдории шахс ба содир кардани ҷиноят ё бевосита боздошт шудани ӯ баъди содир кардани ҷиноят ва дар сурати ҷой доштани яке аз асосҳои зерин қарор дар бораи дастгир кардани гумонбаршударо қабул менамоянд» (С. 16 автореферат), дар м. 124 КМҶ пешбинӣ карда шавад, ки агар шикояти гумонбаршуда аз ҷониби прокурор, прокурори болоӣ қонеъ нашуда бошад ва ё дар муҳлати муайянкардаи Кодекси мазкур ҳал нашуда бошад, ӯ ҳуқуқ дорад дар бораи рад кардани қонеъгардонии шикоят оид ба вайрон кардани қонун ҳангоми дастгир кардан ва ё низоми нигоҳдории тавқифгоҳи муваққатӣ ба суд шикоят кунад (С. 175-176

диссертатсия), қисми 3 м. 92 КМҶ ҶТ дар шакли зерин бояд пешбинӣ шавад: «Баъди гузаштани ин мӯҳлат дастгиршуда бояд аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карда ё дар ҳаққи ӯ яке аз чораҳои пешгирии дар Кодекси мазкур пешбинишуда татбиқ карда шавад» (С. 191 диссертатсия) ва монанди инҳо.

Навгониҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, яъне он таклифу пешниҳодҳои асосноки илмӣ, ки аз таҳлили таҷрибаи тафтишотию судӣ ба миён омадаанд ва дар самти бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар амалияи тафтишотӣ-судӣ кумак мерасонанд, қобили дастгирист. Аз ҷумла, муаллиф асоснок намудааст, ки мақомоти ваколатдор бо баровардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян ӯҳдадоранд дар як вақт қарор дар бораи гумонбар донистани шахс қабул кунанд. Қарори якум ба пешбурди тафтиши ҷиноят оғоз бахшида, дуюм вазъи мурофиавии гумонбаршударо тасдиқ менамояд; муаллиф исбот намудааст, ки протоколи дастгиркунӣ бояд тартиби амалӣ кардани дастгиркуниро инъикос кунад; муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки дар ҳолате, ки гумонбарӣ тасдиқ намегардад, мақомоти ваколатдор ӯҳдадор аст, ки таъқиби ҷиноятиро қатъ намояд (м. 27 КМҶ ҶТ). Барои ин муаллиф лозим шумоидааст, ки ба КМҶ ҶТ моддаи алоҳида оид ба «Қарор дар бораи озод кардан аз гумонбарӣ» илова карда шавад.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноятро ифода менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиш ва таҳлили диссертатсия ва автореферати он, ақидаҳо

нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, таклифу пешниҳодҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона таҳия шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ оид ба дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ» ва дигар фанҳои ҳамҷавор истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст. Чунин пешниҳодҳои муаллиф аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияро ифода менамоянд:

1. Пешниҳодҳо вобаста ба танзими ҳуқуқии масоили алоҳидаи мурофиавӣ:

а) Ба КМҶ ҶТ моддаҳои зерин илова карда шаванд: «Ба сифати гумонбаршуда эътироф кардани шахс», «Гумонбаршуда», «Татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавӣ нисбати гумонбаршуда»;

б) асоси дастгир кардан бояд маълумоте бошад, ки сарчашмаи он дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Ин маълумотҳо танҳо асоси гумонбар донистани шахс ва қабули қарор дар бораи дастгиркунӣ мебошад. Асоснокӣ ва боэътимод будани ин маълумотҳо бояд аз ҷониби мақмоти салоҳиятдор баҳогузорӣ ва санҷида шавад;

в) лозим аст, ки дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муқаррароте илова карда шавад, ки мақоми таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурорро барои дастгир кардани шахс бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноятe, ки барои он ҷазо дар намуди

маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ҳангоми мавҷуд будани маълумоти аз сарчашмаҳои мурофиавӣ дастрас шуда, уҳдадор кунад;

г) ба қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ илова дохил карда шавад, ки ҳангоми дастгир кардани шахси гумонбаршуда ба ӯ бояд ба таври шифоҳӣ фаҳмонида шавад, ки барои содир кардани кадом ҷиноят ва дар асоси кадом моддаи муайяни КМҶ ҶТ ӯ дастгир шудааст.

2. Пешниҳодҳо оид ба такмил додани амалияи тафтишотӣ ва судӣ:

а) мақомоти ваколатдор бо баровардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян уҳдадоранд дар як вақт қарор дар бораи гумонбар донистани шахс қабул кунанд. Қарори якум ба пешбурди тафтиши ҷиноят оғоз бахшида, дуюм вазъи мурофиавии гумонбаршударо тасдиқ менамояд;

б) протоколи дастгиркунӣ бояд тартиби амалӣ кардани дастгиркуниро инъикос кунад. Дар протокол бояд ҳар маълумот, ки ҳангоми дастгиркунӣ дастрас шудааст, қайд карда шавад, инчунин қайд дар хусуси фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба дастгиршуда анҷом дода шавад.

3. Пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:

а) сабабҳои ба суд пешниҳод шудани аризаи шикоятӣ оид ба дастгир кардан набояд бо асосҳои татбиқи дастгир кардан алоқаманд бошанд. Дар КМҶ бояд муқаррарот ворид шавад, ки мутобиқи он ба судя ҳуқуқи бекор кардани чораи маҷбуркунӣ ва озод кардани дастгиршуда дода шавад;

б) ба КМҶ ҶТ меъёре ворид карда шавад, ки мутобиқи он дар ҳолате, ки агар дастгиркунӣ бо вайрон кардани талаботи м. 94 КМҶ ҶТ ва мавҷуд будани асосҳои дар м. 27 ва м.234 КМҶ ҶТ пешбинишуда анҷом дода шуда бошад, қарор дар бораи озод кардани гумонбаршуда аз тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ бароварда мешавад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо норасоиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва амлияи татбиқи он мавҷудбударо пурра менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён карда шудаанд, дар 11 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд. Аз ҷумла:

1. Абдуллоева М.К. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021. № 2 (38). С. 155-159.

2. Абдуллоева М.К. Процессуальное оформление задержания подозреваемого в совершении преступления // Академический юридический журнал. 2022. № 1 (41). С. 152-155.

3. Абдуллоева М.К. Кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми дастгир кардан бо гумони содир намудани ҷиноят // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. № 1 (53). С. 152-155.

4. Абдуллоева М.К. Тартиби мурофиавии дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2022. № 4 (56). С.72-74.

5. Абдуллоева М.К. Кафолатҳои ҳуқуқии боздоштшуда зимни содир кардани ҷиноят // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. 2023. № 2 (30). С. 198-208.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маъруза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Эродҳо.** Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд: .

1. Муалиф ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод намудааст, ки ба КМҶ ҶТ моддаҳои зерин илова карда шаванд: «Ба сифати гумонбаршуда эътироф кардани шахс», «Гумонбарӣ». Аммо таҳлили мутасили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки чунин меъёрҳо дар КМҶ ҶТ мавҷуди комил доранд. Бинобар ин, оид ба зарурият ва ногузирии чунин навгонӣ аз муалиф шарҳи иловагиро талаб менамояд;

2. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия муаллиф ба хатогиҳои имлоӣ роҳ дода, талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба забони давлатиро риоя накардааст. Аз ҷумла, дар баъзе ҳолатҳо ному насаби олимонро бо ҳарфҳои русӣ навиштааст (аз ҷумла А.В.Ольшевский, В.Н. Григорьев, В.Ю.Мельников, Е.Г. Васильева), ки бояд мавриди ислоҳ қарор дода шавад;

3. Мушкилоти асосии муҳақиққини муосир дар он аст, ки аз амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ кам истифода мекунанд. Муалифи диссертатсияи тақризшаванда низ аз ин "дард" орӣ нест. Бинобар ин, хуб мебуд, агар дар тадқиқоти диссертатсионӣ боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалӣ бо мақсади асоснок намудани нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида истифода мегардид. Ба ақидаи ин ҷониб, ин амал барои баланд гаштани арзиши рисола ва муалифи он ҳамчун муҳаққиқи барҷаста мусоидати комил менамуд.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии тадқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ ироа гардидааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян карда шуд, ки аз

муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 225 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат мебошад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия ва автореферат Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзӯи "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Таклиф ва андешаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд бо натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, хусусияти тавсивиро доро мебошанд ва онҳо метавонанд оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти беҳтар кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи пешбурди мурофиавии ҷиноятӣ, бахусус дар самти дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мусоидат намоянд.

Дар охир бояд гуфт, ки Абдуллоева Мадина Камоловна, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо

дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафарзода А.И.

Имзои Сафарзода А.И.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

16-09-23

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.